Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шукурзода Фарҳодҷон Манон аз лиҳози илмӣ ва амалӣ мубрам буда, ба таҳқиқи мафҳум ва хусусиятҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Зеро пешрафти фаъолияти тиҷоратӣ, ташаккули қонунгузории мадании Тоҷикистон, ҳамзамон рӯ ба инкишоф ниҳодани қонунгузорӣ оид ба кафолатҳои мадании баррасии ҳакамии баҳсҳои иштирокчиёни мурофиавии судии маданӣ бозгӯйи он мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти мазкур ба талаботи муқаррароти байналмилалӣ-ҳуқуқӣ марҳилаи мутобиқатро паси сар намуда истодааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки воситаҳои гуногуни алтернативии баррасию ҳаллу фасли баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шудаанд, ки онҳо механизми муҳимми таъминкунандаи ҳалли баҳсҳо мебошанд. Ба ин воситаҳо асосан инҳо дохил мешаванд:

1) миёнаравӣ (медиатсия);
2) оштӣ додани тарафҳо;
3) гуфтушунидҳо;
4) баҳои пешакии ҷониби бетараф;
5) мини-суд;
6) судҳои ҳакамӣ (муҳокимаи ҳакамӣ).

Таҳлили масъалаи мансубияти соҳавии воситаҳои ҳуқуқӣ ба диссертант имкон фароҳам овард, то хулоса карда тавонад, ки воситаҳои ҳуқуқӣ вобаста ба хосиятҳои гуногуни худ, ба соҳаҳои гуногун, ба воситаҳои байнисоҳавӣ мансуб ҳастанд.

Мушкилоти марбут ба муайян намудани асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили ҳамаҷониба ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли самарабахши таъмини адолат ва қонуниятро дар муносибатҳои маданӣ тақозо мекунад. Ҳолатҳои қайдгардида мубрамияти илмии таҳлили асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамиро муайян мекунанд. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз зарурати таҳлили ҳамаҷониба ва мунтазами воситаҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ вобаста аст.

Ин маҷмуи масъалаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии падидаи «судҳои ҳакамӣ» дар ҳуқуқи маданӣ мубрамият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти интихобшударо муайян менамояд.

Навгонии мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои дар он пешниҳодшуда бо он тасдиқ мешавад, ки он бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии мадании Тоҷикистон масъалаҳои муайян кардани табиати ҳуқуқи-мадании хусусиятҳои асосӣ, асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян ва баррасӣ карда, барои ташаккули асосноккунии илмии назариявии категорияи воситаҳои ҳуқуқии маданӣ ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ва мушкилоти танзими ҳуқуқии он мусоидат менамояд. Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи назарияи ҳуқуқи хусусӣ анҷом дода шуда, заминаи илмию назариявии онро асарҳои олимони ин соҳа, аз ҷумла, Э.Н.Гимазова, С.А.Владимирова, Ш.М.Исмоилов, Ш.М.Менглиев, М.А. Маҳмудзода, М.З. Раҳимзода, Ш.К. Ғаюрзода, Ш.Т. Тағойназаров, А.В. Золотухин, Ҷ.С. Муртазозода, Д.С. Раҳмон, Д.Ш. Сангинзода, П.И. Пугинский ва дигарон гузоштаанд, ки қобили дастгирӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар диссертатсия муаллиф доир ба ҷанбаҳои нави проблемаҳои ҳуқуқи мадании фаъолияти судҳои ҳакамӣ бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон, ақидаҳои навро пешниҳод намуда, айни замон зарурати таҷдиди назар намудани як қатор ақидаҳои илмии пештар дар илми ҳуқуқшиносӣ ҷойдоштаро бо далелҳо исбот мекунад. Ин кӯшиши муаллиф навгонии илмии диссертатсияро таъмин менамояд. Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи мақсад, вазифаҳо, бобҳо ва зербобҳои диссертатсия, ки бо дарназардошти мавзуи интихобшуда муайян карда шудаанд, бо риояи усули илмии таҳқиқи мантиқӣ, аз ҷумла гузаштан аз дониши умумӣ ба дониши мушаххас, анҷом дода шудааст.

Таҳлили муҳтавои автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки аз ҷониби муаллиф таҳқиқи мукаммали илмӣ анҷом дода шуда, натиҷаҳои он ба такмили қонунгузорӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, воситаҳои нави ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ мусоидат менамоянд.

Ба назари мо, дар кори илмии мазкур масъалаҳои танзими ҳуқуқии воситаҳои ҳуқуқи мадании таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ҳамчун намуди воситаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки барои ҳалли мунокишаҳои ҳуқуқӣ истифода мегарданд, ба таври комплексӣ дида баромада шуда, аз аҳаммият холӣ нестанд. Дар баробари ҳамаи тарафҳои мусбати кори илмӣ, баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд. Аз ҷумла:

1. Муаллиф қайд намудааст, ки тибқи нишондоди моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», судҳои ҳакамии доимоамалкунанда аз тарафи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ – шахсони ҳуқуқӣ таъсис дода мешаванд. Илова бар ин, диссертант ба сифати ташаббускори ташкил гардидани суди ҳакамӣ, шаҳрвандон – соҳибкорони инфиродиро низ номбар менамояд. Ба андешаи мо, ин фикри муаллиф дар автореферати рисолаи илмӣ ба пуррагӣ кушода нашудааст (саҳ. 26-27).

2. Дар навгонии илмӣ банди 4 муаллиф ишора менамояд, ки «хусусияти алтернативӣ доштани суди ҳакамӣ, ки дар таъсис ва баррасии суди ҳакамии баҳсҳо тибқи тобеияти идоравӣ худ таҷрибаи хусусии татбиқи қонун мушоҳида мешавад», ба фикри мо то ба охир таҳлили хешро наёфтааст, зеро агар судҳои ҳакамӣ ба низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб дониста нашуда бошанд, пас тобеияти идоравии ин судҳо нисбати парвандаҳои маданӣ чӣ тавр ҳал карда мешавад. Хуб мешуд, агар дар вақти ҳимояи расмӣ, диссертант ба ин масъала фикрашро пурратар баён менамуд. Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ва бандҳои 54, 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

Таҳқиқи диссертатсионии Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. - Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат дорад.

Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он Шукурзода Фарҳодҷон Манон ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор аст.

**Тақриздиҳанда:**
Судяи Суди иқтисодии вилояти Суғд
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Эмомализода Н.Э.

**Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи К.Хуҷандӣ,
бинои 181 "а". Тел: (83422) 435-66
E-mail: judgeene062022@gmail/com

**Имзои Н.Э. Эмомализодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи коргузорӣ ва назорати
Суди иқтисодии вилояти Суғд Сайдуллоӣ П.

**Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи К.Хуҷандӣ,
бинои 181 "а". Тел: (83422) 438-88
E-mail: Info@soi/tj

«02» 06 2026